Раиси Маҷлиси Иштирокчиён
Чу Кок Кви

# Оинномаи
## Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Фуруз»

| | |
|---|---|
| Тасдиқ шудааст: | Бо қарори Маҷлиси умумии Иштирокчиёни ҶДММ ТАҚХ "Фуруз" Пайнавишти ҷаласа № 04 аз 25.06.2025 |
| Мавриди амал қарор дода шуд: | Аз санаи тасдиқ гардидани Оинномаи мазкур |

## Мундариҷа

1. Муқаррароти умумӣ
2. Мақсади фаъолият
3. Ҳолати ҳуқуқии Ҷамъият
4. Сармояи оинномави. Ҳисса дар сармояи оинномавии Ҷамъият
5. Ба шахси дигар гузаштани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи оинномавии Ҷамъият
6. Ҳуқуқу уҳдадориҳои Иширокчиён
7. Баромадани Иштирокчӣ аз Ҷамъият
8. Мақомоти идоракунии Ҷамъият
9. Маҷлиси умумии Иштирокчиён
10. Шӯрои нозирон
11. Раёсат
12. Директор
13. Комиссияи тафтишотӣ (ва ё аудитори мустақил)
14. Тартиби нигаҳдории ҳуҷҷатҳои Ҷамъият ва пешниҳоди маълумот
15. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Ҷамъият

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти қарзии хурди «Фируз», ки дар оянда "Ҷамъият" ном бурда мешавад, дар асоси қарори Муассис аз 2 декабри соли 2005 мутобиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки фаъолияти соҳибкориро ба танзим медароранд, таъсис дода шудааст. Ҷамъият дар Вазорати адлияи ҶТ аз 22 декабри соли 2005 таҳти феҳристи № 001-2464 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Ҷамъият бо қарори Муассисон аз 28 июни соли 2021 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Фируз» табдил ёфтааст ва мувофиқи Шаҳодатнома дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андози шаҳри Бохтар дар санаи 24 июли соли 2021 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

1.2. Муассисони Ҷамъият, ки дар оянда Иштирокчӣ ном бурда мешаванд, инҳо ҳастанд:

- Чу Кок Кви (Kok Kwee Chew), истиқоматкунандаи Fernhill Road 38, Singapore, Сингапур, рақами шиноснома K3246133K ва шаҳрванди Сингапур мебошад;
- Йекле Ҳанс Йоахим (Hans Joachim Jaeckle), истиқоматкунандаи к. И. Ҳалимов 21, ш. Бохтар, рақами шиноснома C4XWMXCLK ва шаҳрванди Олмон мебошад;
- Ташкилоти ҷамъиятии байналхалқии «Милленниум Хизматрасониҳои Ёрӣ ва Тараққиёт» (Millennium RDS), дар 5233 Bellaire Blvd B-358, Bellaire 77401, Texas, Иёлоти Мутаҳиди Амриқо (ИМА) ҷойгир мебошад;
- Вепфер Рудолф Ҳейнрих (Rudolf Heinrich Wepfer), истиқоматкунандаи Herrenwiesstr. 10, 8365 Ettenhausen, Швейтсария, рақами шиноснома X0J54D42 ва шаҳрванди Швейтсария мебошад;
- Кефер Валтер (Walter Kaefer), истиқоматкунандаи Backsteinweg 6, 67574 Osthofen, Олмон, рақами шиноснома C307TJR1P ва шаҳрванди Олмон мебошад;
- ВилКам Ҳолдингс, Инк. (WilCam Holdings, Inc.), дар 1201 Glen Meade Road, Washington 28401, North Carolina, Иёлоти Мутаҳиди Амриқо (ИМА) ҷойгир мебошад;
- Тан Ки Кин Тимофи (Timothy Kee Kean Tan), истиқоматкунандаи Hua Guan Crescent 31, Singapore, Сингапур, рақами шиноснома E1780025K ва шаҳрванди Сингапур мебошад;
- Бенсон Дейн Эмил (Dayn Emil Benson), истиқоматкунандаи 713 Fairway Park Drive, Ann Arbor, Michigan 48103, Иёлоти Мутаҳиди Амриқо (ИМА), рақами шиноснома 596529362, ва шаҳрванди ИМА мебошад;
- Олсен Тодд Стивен (Todd Steven Olsen), истиқоматкунандаи 5679 S. Ashford Way, Ypsilanti, Michigan 48197, Иёлоти Мутаҳиди Амриқо (ИМА), рақами шиноснома 647268536, ва шаҳрванди ИМА мебошад;
- ҶДММ Кефер Вермёгенсвервалтунг (Kaefer Vermoegensverwaltungs GmbH), дар Gundheimer Hohl 49, 68574 Osthofen, Олмон ҷойгир мебошад.
- Вютрих Рене Филиппе (René P. Wuethrich), истиқоматкунандаи Schloessliweg 6, 9404 Rorschacherberg, Швейтсария, рақами шиноснома X4732226 ва шаҳрванди Швейтсария мебошад;
- Гёбел Мартин (Martin Goebel), истиқоматкунандаи Sonnenbergstrasse 42, 8102 Oberengstringen, Швейтсария, рақами шиноснома C4YLJ5MKY, ва шаҳрванди Олмон мебошад;
- Ямашита Дуглас (Douglas Yamashita), истиқоматкунандаи Jalan Naga Wjaya Wetan No. 7, Cipeundeuy Padalarang, Kab. Bandung Barat Jawa Barat, Индонезия, рақами шиноснома C307TJR1P, ва шаҳрванди Бразилия мебошад;
- Ҳейзелл Ралф Десмонд (Ralph Desmond Hazell), истиқоматкунадаи 36 Trefoil Close, Wokingham, Berkshire, RG40 5YQ, Британияи Кабир, рақами шиноснома 537704135, ва шаҳрванди Британияи Кабир мебошад;
- Чан Чун Кеонг Стивен (Chun Keong Stephen Chan), истиқоматкунандаи 7A Commonwealth Avenue #02-658, Singapore, 141007, Сингапур, рақами шиноснома K2175099B, ва шаҳрванди Сингапур мебошад;

- Зиммерман Мефю (Matthew Zimmerman), истиқоматкунандаи 1067 Park Rd., Harrisonburg, VA 22808, Иёлоти Мутаҳиди Амриқо (ИМА), рақами шиноснома A36374820, ва шаҳрванди ИМА мебошад.
- Крефт Филипп Макс (Philipp Max Kraeft), истиқоматкунандаи Leobadstrasse 18a, 85221 Dachau, Олмон, рақами шиноснома CF2VPYTR6, ва шаҳрванди Олмон мебошад.

1.3. Баъд аз бақайдгирии Ҷамъият мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар Иштирокчиён низ метавонанд шомил бошанд.

1.4. Номи пурраи Ҷамъият чунин аст:
- бо забони тоҷикӣ: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди «Фуруз»;
- бо забони русӣ: Общество с ограниченной ответственностью Микрокредитная депозитная организация «Фуруз»;
- бо забони англисӣ: Microcredit Deposit Organization «Furuz» Limited Liability Company.

Номи ихтисоршудаи Ҷамъият чунин аст:
- бо забони тоҷикӣ: ҶДММ ТАҚХ «Фуруз»;
- бо забони русӣ: ООО МДО «Фуруз»;
- бо забони англисӣ: MDO «Furuz» LLC

1.5. Маҳал ва суроғаи Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735140, шахри Бохтар, кӯчаи Айни 27.

1.6. Забони расмии Ҷамъият забони тоҷикӣ мебошанд.

1.7. Ҷамъият ба давраи номаҳдуд таъсис дода шудааст.

## 2. Мақсади фаъолият

2.1. Мақсади фаъолияти Ҷамъият чунин аст:
- Мутобиқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон Ҷамъият ташкилоти тиҷоратӣ буда мақсади асосияш ба даст овардани фоида мебошад.

Дар баробари ин, Ҷамъият мақсадҳои гузошташудаи зерин ҳам дорад:
- мусоидат ба инкишофи тиҷорати хурд, ки давомнок ва худтаъминкунӣ мебошанд;
- мусоидат ба рушди ҷомеъа, вусъат додани ҳуқуқ ва имкониятҳои иқтисодии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба хизматрасонии молиявӣ, тавассути фаъолияти қарздиҳӣ, ҷалби амонату пасандоз, бурдани суратҳисобҳо, хизматрасониҳои хазинавӣ, мубодилаи асъор ва интиқоли маблағ;
- баландбардории сатҳи зиндагии иштирокчиёни фаъолияти Ҷамъият тавассути баландбардории сатҳи даромаднокӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ/молиявӣ, рушди бахши хусусӣ ва муносибатҳои бозорӣ;
- фароҳам овардани шароитҳо барои баландбардории иттилоотӣ ва маълумотӣ дар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқҳои аҳолӣ;
- рушд ва таҳкими иқтидори институтсионалии Ҷамъият барои ноил гаштан ба мақсадҳои оинномавӣ;

2.2. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда Ҷамъият амалиётҳои бонкии зеринро мувофиқи Иҷозатномаи Бонки миллии Тоикистон №0000150 аз 28 марти соли 2022 ва дар доираи қонунгузорӣ анҷом медиҳад:
- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

2.3. Инчунин Ҷамъият барои пешбурди фаъолияти худ метавонад аз шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз ва сармоя бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ҷалб намояд.

## 3. Ҳолати ҳуқуқии Ҷамъият

3.1. Ҷамъият фаъолияти худро дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Дар рӯзи додани иҷозатнома муассисон уҳдадоранд 100%-и андозаи ҳадди ақалӣ сармояи оинномавиро ба ҳисоби муросилотӣ (корреспондентӣ) дар Бонки миллии Тоҷикистон пардохт намоянд.

3.2. Бо мақсади амалисозии фаъолияти молиявӣ ва соҳибкорӣ, Ҷамъият аз ҳамаи ҳуқуқҳои дар қонунгузорӣ муайяншуда истифода мекунад, аз он ҷумла:

- ҳуқуқи соҳибии моликият; ҳуқуқи аз номи худ баромад кардан; амалӣ намудани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ; дар суд ба сифати даъвогар ё ҷавобгар баромад намудан.
- Ҷамъият метавонад дар доираи маҳдудиятҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» муқаррар кардааст, молу мулки ғайриманқул ва манқулро соҳибӣ кунад, истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд, ба иҷора диҳад, фурӯшад.
- Интихоби озод ҳангоми қабул ба кор, бастан, тағйир додан, бекор кардани шартномаи меҳнатӣ, созишнома, шартномаи коллективӣ, идоракунии Ҷамъият ва қабули санадҳои меъёрии дохилӣ (қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнатӣ), муайян намудани шароити меҳнат, тартибот ва интизоми меҳнат дар доираи талаботҳои Кодекси меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ.
- Чамъият бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонад дар иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) иштирок кунад ва ё онҳоро ташкил намояд.

3.3. Ҷамъият метавонад дар Бонки миллии Тоҷикистон ва дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ғайрирезидент ва/ё резидент) тибқи талаботи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисоби муросилотӣ бо арзи миллӣ ва хориҷӣ кушояд. Ҳамчунин, Ҷамъият метавонад дорои муҳри гирда бо номи пурраи худ, муҳри кунҷӣ, бланкаҳои фирмавӣ ва дигар аломатҳои расмӣ бошад.

3.4. Ҷамъият метавонад дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳад. Ҷамъият ва филиалҳои он метавонанд берун аз маҳалли воқеъгардии худ воҳидҳои дигари сохториро (намояндагиҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд ва воҳидҳои сайёрӣ) таъсис диҳанд.

3.5. Филиалҳо ва воҳидҳои дигари сохторӣ аз номи Ҷамъият мувофиқи низомномаҳои худ амал менамоянд.

3.6. Ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳояш дар ҳудуди молу мулки худ ҷавобгар мебошад. Иштирокчиён аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккалӣ марбут ба фаъолияти Ҷамъиятро дар доираи арзиши ҳиссаи гузоштаашон ба уҳда доранд.

3.7. Иштирокчиён, ки ба сармояи оинномавии Ҷамъият саҳмро дар ҳаҷми пурраaш нагузоштаанд, тибқи уҳдадории он дар доираи арзиши қисми пардохтнашудаи саҳми ҳар кадом Иштирокчӣ масъулияти муштарак доранд.

3.8. Давлат аз рӯи уҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар намебошад, ҳамчуноне, ки Ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои Давлат ҷавобгар нест.

## 4. Сармояи оинномави. Ҳисса дар сармояи оинномавии Ҷамъият

4.1. Сармояи оинномавии Ҷамъият андозаи ҳадди ақали молу мулки Ҷамъиятро муайян мекунад, ки манфиати кредиторонро кафолат медиҳад, **28 630 422** сомонӣ ташкил медиҳад. Ҳиссаи Иштирокчиён дар сармояи оинномавӣ чунин тақсим мешавад:

- Чу Кок Кви – арзиши номиналии ҳисса баробар 7 676 987 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 26,81409 % ҳисобида шавад;

- Йекле Ҳанс Йоахим – арзиши номиналии ҳисса баробар 3 989 734 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 13,93530 % ҳисобида шавад;
- Ташкилоти ҷамъиятии байналхалқии «Милленниум Хизматрасониҳои Ёрӣ ва Тараққиёт» – арзиши номиналии ҳисса баробар 2 137 529 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 7,46594 % ҳисобида шавад;
- Вепфер Рудолф Ҳейнрих – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 928 228 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 6,73489 % ҳисобида шавад.
- Ямашита Дуглас – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 876 277 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 6,55344 % ҳисобида шавад.
- Чан Чун Кеонг Стивен – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 659 951 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 5,79786 % ҳисобида шавад.
- Кефер Валтер – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 597 305 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 5,57905 % ҳисобида шавад;
- ВилКам Ҳолдингс, Инк., – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 481 336 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 5,17399 % ҳисобида шавад;
- Тан Ки Кин Тимофи – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 282 180 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 4,47838 % ҳисобида шавад;
- Бенсон Дейн Эмил – арзиши номиналии ҳисса баробар 1 001 647 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 3,49854 % ҳисобида шавад.
- ҶДММ Кефер Вермёгенсвервалтунг – арзиши номиналии ҳисса баробар 968 566 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 3,38300 % ҳисобида шавад.
- Ҳейзелл Ралф Десмонд – арзиши номиналии ҳисса баробар 882 692 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 3,08306 % ҳисобида шавад.
- Филипп Макс Крефт – арзиши номиналии ҳисса баробар 819 149 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 2,86111 % ҳисобида шавад.
- Вютрих Рене Пҳилиппе – арзиши номиналии ҳисса баробар 447 974 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 1,56468 % ҳисобида шавад.
- Гёбел Мартин – арзиши номиналии ҳисса баробар 413 722 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 1,44504 % ҳисобида шавад.
- Олсен Тодд Стивен – арзиши номиналии ҳисса баробар 249 984 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 0,87314 % ҳисобида шавад.
- Зиммерман Мефю Дейн – арзиши номиналии ҳисса баробар 217 161 сомонӣ мебошад ва арзиши аслии ҳисса 0,75850 % ҳисобида шавад.

4.2. Сармояи оинномавӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд ё кам карда шуда метавонад.

4.3. Барои ташкили сармояи оинномавӣ воситаҳои дар қисми 4 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд“ номбаршуда наметавонанд истифода шаванд.

4.4. Ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият мумкин аст бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии сармояи оинномавӣ зиёд карда шавад.

4.5. Қарор оид ба зиёдкунии сармояи оинномавии Ҷамъият ва оид ба воридсозии тағйироту иловаҳои мутобиқ ба оиннома аз ҷониби Маҷлиси умумии иштирокчиёни Ҷамъият қабул мегардад, ки бо накамтар аз се ду ҳиссаи овозҳои дар маҷлис иштироккунандагон қабул гардиданд. Зиёдкунии сармояи оинномавӣ баъди пардохти пурраи он роҳ дода мешавад. Зиёдкунии сармояи оинномавии Ҷамъият барои ҷуброни зиёнҳои он роҳ дода намешавад.

4.6. Ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият мумкин аст бо роҳи камкунии арзиши номиналии ҳиссаҳои ҳамаи Иштирокчиён дар сармояи оинномавии Ҷамъият ва (ё) пардохти ҳиссаҳое, ки ба мутааллақи Ҷамъиятанд, кам карда шавад.

4.7. Дар давоми сӣ рӯз аз лаҳзаи қабули қарор Ҷамъият бояд дар бораи камшавии сармояи оинномавии худ эълон кунад ва оиди камшавӣ ва ҳаҷми нави он ҳамаи кредиторони маълуми

Ҷамъиятро хаттӣ огоҳ намуда, инчунин дар нашрияе, ки дар бораи қайди давлатии шахсони ҳуқуқӣ маълумот чоп мешавад, доир ба қарори қабулшуда хабар чоп кунад.

## 5. Ба шахси дигар гузаштани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи оинномавии Ҷамъият

5.1. Иштирокчӣ ҳақ дорад ҳиссаи худро ё як қисми онро аз сармояи оинномавии Ҷамъият ба Иштирокчии дигар ё якчанд Иштирокчии дигар ё ба шахсони сеюм бо тартиби муқарраркардаи қонунгузори фурӯшад ё бо тариқи дигар диҳад.

5.2. Иштирокчӣ ҳақ дорад ҳиссаи (қисми ҳиссаи) ба ӯ тааллуқ доштаи сармояи оинномавии Ҷамъиятро ба Иштирокчии дигар ё ба шахси сеюм бо розигии Ҷамъият ва бо Қарори Маҷлиси умумии Иштирокчиён, ки бо аксарити умумии овозҳои ҳамаи Иштирокчиён қабул карда шудааст ба гарав диҳад.

## 6. Ҳуқуқу уҳдадориҳои Иширокчиён

6.1. Иштирокчиён ҳуқуқ доранд:

- дар идораи корҳои Ҷамъият бо тартиби муқарраркардаи Қонун ва ҳамин Оинномa иштирок намояд;
- дар бораи фаъолияти Ҷамъият маълумот гиранд ва бо дафтарҳои муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои он бо тартиби муқарраркарда шинос шаванд;
- дар тақсимоти фоида иштирок кунанд;
- ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии Ҷамъият фурӯшанд ё ба тарзи дигар як қисми онро ба як ё якчанд Иштирокчии ин Ҷамъият диҳанд;
- ҳар вақт новобаста аз розигии дигар иштирокчиёни он аз Ҷамъият бароянд;
- дар сурати барҳам хурдани Ҷамъият як қисми молу мулк ё арзиши онро баъди ҳисобукитоб бо кредиторон гиранд.
- Иштирокчиён инчунин дигар ҳуқуқҳое доранд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

6.2. Иштирокчиён уҳдадоранд:

- бо тартиб, дар ҳаҷм, таркиб ва муҳлати пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оинномa саҳм гузоранд;
- иттилооти маҳфиро дар бораи фаъолияти Ҷамъият фош нанамоянд.

Иштирокчиён дигар уҳдадориҳоро низ доранд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

## 7. Баромадани Иштирокчӣ аз Ҷамъият

7.1. Иштирокчии Ҷамъият ҳуқуқ дорад ҳар вақт новобаста аз розигии дигар иштирокчиён ё Ҷамъият аз ҳайати Ҷамъият барояд.

7.2. Дар сурати баромадани Иштирокчӣ аз Ҷамъият, ҳиссаи ӯ ба Ҷамъият мегузарад. Дар ин маврид Ҷамъият уҳдадор аст ба ин Иштирокчӣ арзиши номиналии ҳиссаи ӯро пардохт намояд. Арзиши номиналии ҳиссаи Иштирокчӣ дар асоси маълумоти ҳисоботи муҳосибавии Ҷамъият муайян карда мешавад. Бо розигии тарафайн, Ҷамъият метавонад қисми ҳиссаи Иштирокчиро дар шакли молу мулки ҳамарзиш ба қисми ин ҳисса ба ӯ пардохт кунад.

7.3. Аз Ҷамъият баромадани Иштирокчӣ ӯро аз уҳдадорӣ дар назди Ҷамъият оиди гузоштани саҳм ба молу мулки Ҷамъият, ки то додани аризаи баромадан аз Ҷамъият пайдо шудааст, озод намекунад.

## 8. Мақомоти идоракунии Ҷамъият

8.1. Мақомоти идоракунии Ҷамъият инҳо мебошанд:

- мақоми олӣ - Маҷлиси умумии Иштирокчиён;
- мақоми идоракунӣ - Шӯрои нозирон;
- мақоми иҷроия - раёсат ва ё директор.

## 9. Маҷлиси умумии Иштирокчиён

9.1. Маҷлиси умумии Иштирокчиён мақоми олии идоракунии Ҷамъият мебошад.

9.2. Ба салоҳиятҳои Маҷлиси умумии иштирокчиён ҳалли масъалаҳои зерин шомиланд:
а. муайян кардани самтҳои асосии фаъолияти Ҷамъият, инчунин қабули қарорҳо оиди иштирок дар ассосиатсияҳо ва дигар идтиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ;
б. тағйир додани оинномаи Ҷамъият, аз ҷумла тағйир додани ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият ва тартиби ба шахси дигар гузаштани ҳиссаи (қисми ҳиссаи) сармояи оинномавӣ;
в. ворид кардани тағйирот ба шартномаи таъсисотӣ;
г. интихоби аъзои Шӯрои нозирон;
ғ. қабул кардани иштирокчии нав ба Ҷамъият;
д. интихоб ва пеш аз муҳлат қатъ кардани ваколатҳои комиссияи тафтишотии Ҷамъият;
е. тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозунҳои солонаи муҳосибавӣ;
ё. қабули қарор оиди тақсими фоидаи софи Ҷамъият дар байни иштирокчиёни Ҷамъият;
ж. тасдиқи (қабули) ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти дохилии Ҷамъият (ҳуҷҷатҳои дохилии Ҷамъият);
з. таъин кардани тафтиши аудитори мустақил, тасдиқи аудитори мустақил ва муайян намудани ҳаҷми пардохти хизмати ӯ;
и. қабули қарор оиди азнавташкилдиҳӣ ё барҳам додани Ҷамъият;
к. таъин кардани комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозунҳои барҳамдиҳӣ;
л. ҳалли дигар масъалаҳои пешбиникардаи қонун дар бораи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд.

Қарорҳо аз руи масъалаҳое, ки дар зербандҳои а, б, в, г, ғ, д, е, ё, ж, з, и ва к нишон дода шудаанд, салоҳиятҳои истисноии Маҷлиси умумии иштирокчиён шомиланд, барои ҳалли Шӯрои нозирони ҷамъият, ба истисноии ҳолатҳои пешбиникардаи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд", инчунин барои ҳалли мақомоти иҷроияи ҷамъият додан мумкин нест.
Қарорҳо аз руи масъалаҳое, ки дар зербандҳои а ва б нишон дода шудаанд, ҳамаи иштирокчиёни Ҷамъият бо аксарияти овозҳо - на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои шумораи умумии овозҳои иштирокчиён қабул карда мешаванд.
Қарорҳо аз руи масъалаҳое, ки дар зербандҳои в ва и нишон дода шудаанд, ҳамаи иштирокчиёни Ҷамъият якдилона қабул мекунанд.

9.3. Маҷлиси умумии Иштирокчиён навбатӣ ва ғайринавбатӣ мебошад.

9.4. Ҷаласаи навбатии Маҷлиси умумии Иштирокчиёни Ҷамъият аз тарафи мақомоти иҷроияи Ҷамъият ҳар сол на камтар аз як маротиба даъват карда мешавад.

9.5. Ҳамаи ҷаласаҳои Маҷлиси умумии Иштирокчиён, ки ҷаласаҳои навбатӣ намебошанд, ғайринавбатӣ ҳисобида мешаванд. Ҷаласаи ғайринавбатии Маҷлиси умумии Иштирокчиён барои ҳаллу фасли ҳар масъалаҳои дар банди 9.2. муайян гардида, даъват карда мешавад.

9.6. Ҷаласаи ғайринавбатии Маҷлиси умумии Иштирокчиён мумкин аст бо талаботи Шӯрои нозирон, Раиси Комиссияи тафтишотӣ, инчунин Иштирокчиёне, ки соҳиби на камтар аз даҳ фоизи (10%) ҳисса дар сармояи оинномавии Ҷамъият мебошанд, даъват гардад.

9.7. Маҷлиси умумии Иштирокчиён барои пеш бурдани фаъолияти худ Раиси ҷаласаро интихоб менамояд. Барои гузаронидани ҳар як Маҷлиси Умумии Иштирокчиён Котиби ҷаласа таъин карда мешавад. Овоздиҳӣ дар Маҷлиси умумии Иштирокчиён бо роҳи овоздиҳии оддӣ гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ Маҷлиси умумии Иштирокчиён ҳуқуқ дорад овоздиҳии махфиро ташкил намояд. Дар ҳолати баробарии овозҳо, Раиси ҷаласа овози ҳалкунанда дорад.

9.8. Иштирокчӣ дар ҷаласаи Маҷлиси умумии Иштирокчиён метавонад ба воситаи намояндаи худ ширкат варзад. Дар чунин ҳолат намоянда бояд дар асоси ваколатномаи ба тариқи нотариалӣ тасдиқ кардашуда дар ҷаласа иштирок намояд.

9.9. Ҷаласаи Маҷлиси умумии Иштирокчиён дар ҳолати иштироки зиёда аз се ду ҳиссаи шумораи умумии Иштирокчиён баргузоргардида ҳисобида мешавад.

9.10. Иштирокчиён дорои овозҳое мебошанд, ки баробар ба ҳиссаи онҳо дар сармояи оинномавӣ мебошад.

9.11. Котиби Маҷлис пайнавишти ҳар як ҷаласаи Маҷлиси умумии Иштирокчиёнро дар 1 нусха на дертар аз понздаҳ (15) рӯзи баъди анҷоми фаъолияти ҷаласа таҳия менамояд ва пас аз пайнавиштро имзо намудани Раис, ба ҳамаи Иштирокчиён ирсол менамояд.

9.12. Ҷаласаи Маҷлиси умумии Иштирокчиён ва қабули қарорҳо дар он, дар пайнавиште, ки аз ҷониби Раиси ҷаласа ва Котиби ҷаласа имзо мегардад, сабт мегардад.

## 10. Шӯрои нозирон

10.1. Мақоми идоракунии Ҷамъият Шӯрои нозирон мебошад. Ҷаласаи Шӯрои нозирон на камтар аз ду маротиба солона навбатӣ ва дар вақтҳои лозима гайринавбати гузаронида мешавад.

10.2. Ба салоҳияти Шӯрои нозирон чунин масъалаҳо шомиланд:
- назорати мақоми иҷроияи Ҷамъият;
- даъват, муайян намудани макон ва замони гузаронидани ҷаласаи ғайринавбатии Маҷлиси умумии Иштирокчиён;
- пешниҳод ба Маҷлиси умумии Иштирокчиён оиди тақсими фоидаи софи Ҷамъият;
- муайян кардани стратегия ва тасдиқи нақшаи он аз рӯи пешниҳоди мақомоти иҷроя;
- қабули ҳисоботҳои молиявию қарзии Ҷамъият;
- таъин кардан ва аз кор озод кардани аъзои мақоми иҷроия/Раёсати Ҷамъият, тасдиқи номзадҳо ба вазифаи роҳбарони аудити дохилӣ, идоракунии хавфҳо, мувофиқакунонии (комплаенс) Ҷамъият ва тасдиқи ҳаҷми мукофотпулии онҳо; бо пешниҳоди Директор/Раиси Раёсати Ҷамъият;
- тасдиқи низомнома оид ба Директор/Раёсати Ҷамъият;
- тасдиқи сиёсатҳо, сохтор ва дигар ҳуҷҷатҳои Ҷамъият;
- тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиси Кумитаи аудит ва кумитаҳои дигар дар назди Шӯрои нозирон, аз ҷумла муайян кардани сохтор, ҳайат, ваколат ва уҳдадориҳои онҳо;
- қабули қарор оид ба пешниҳоди даъво ба аъзои мақомоти иҷроия ё кормандони Ҷамъият;
- пешниҳоди ҳисоботи аудитори мустақил барои тасдиқи маҷлиси умумии Иштирокчиён;
- пешниҳод кардани аъзои Комиссияи тафтишотӣ барои тасдиқи маҷлиси умумии Иштирокчиён;
- баррасӣ ва қабул кардани натиҷаҳои солонаи фаъолияти Ҷамъият ва филиалҳои он, аз он ҷумла, ҳисоботи молиявии (ҳисоботи тавозуни, ҳисоботи фоида ва зарар) Ҷамъият;
- қабул кардани ҳисоботи аудити дохилӣ;
- қабул кардани қарор оид ба таъсис ва барҳам додани филиалҳо ва воҳидҳои дигари сохторӣ.

10.3. Ҳайати Шӯрои нозирон на кам аз 5 (панҷ) аъзо иборат аст, ки онҳо ва Раиси Шӯрои нозирон аз тарафи маҷлиси умумии Иштирокчиён таъин карда мешаванд.

10.4. Ҷаласаи Шӯрои Нозирон дар ҳолати иштироки зиёда аз нисфи (50 фоизи) шумораи умумии аъзо баргузоргардида ҳисобида мешавад. Қарор дар ҷаласаи Шӯрои нозирон бо бартарии овозҳои иштирокунандагон қабул мегардад. Дар сурати баробар шудани овозҳо, овози Раиси Шӯрои нозирон ҳалкунанда мебошад.

## 11. Раёсат

11.1. Мақоми дастҷамъии иҷроияи Ҷамъият Раёсат мебошад. Ҷаласаи Раёсат на камтар аз як маротиба дар як моҳ гузаронида мешавад.

11.2. Ба салоҳияти Раёсати Ҷамъият чунин масъалаҳо шомиланд:
- пешниҳоди сиёсатҳо барои тасдиқ ба Шӯрои Нозирон;
- тасдиқи санадҳои меъёрии дохилие, ки дар салоҳияти Шӯрои нозирон набошад;

- қабул кардани қарор оиди кучонидани филиалҳо ва воҳидҳои дигари сохторӣ;
- иҷрои дигар вазифаҳое, ки Шӯрои нозирон ба зиммаи он гузоштааст;
- тасдиқи ҳайати штатӣ дар асоси нақшаи солона.

11.3. Директори Ҷамъият дар як вақт Раиси Раёсати Ҷамъият мебошад.

11.4. Ҳайати Раёсати Ҷамъият на кам аз 3 (се) аъзо иборат бошад.

11.5. Аъзоёни Раёсати Ҷамъият аз ҷониби Шӯрои Нозирони Ҷамъият интихоб ва озод карда мешаванд.

11.6. Раиси Раёсат кори онро ташкил менамояд, ҷаласаи Раёсатро даъват менамояд ва дар он роҳбарӣ мекунад. Дар ҷаласаҳо бурдани пайнавиштро ташкил менамояд.

11.7. Ҷаласаи Раёсат дар ҳолати иштироки зиёда аз нисфи (50%) шумораи умумии аъзо баргузоргардида ҳисобида мешавад. Қарор дар ҷаласаи Раёсати Ҷамъият бо бартарии овозҳои иштирокунандагон қабул мегардад. Дар сурати баробар шудани овозҳо, овози Раиси Раёсат ҳалкунанда мебошад.

## 12. Директор

12.1. Директор мақоми яккасардорӣ иҷроияи Ҷамъият мебошад, ки аз тарафи Шӯрои Нозирони Ҷамъият таъин мегардад.

12.2. Директор манфиатҳои Ҷамъиятро намояндагӣ мекунад ва аз номи Ҷамъият бе ваколатнома амал мекунад.

12.3. Ваколатҳои Директори Ҷамъият:
- тасдиқ намудан ва ташкили истифодабарии маблағҳои пулии аз рӯи буҷаи солонаи Ҷамъият;
- бастани шартномаи меҳнатӣ бо кормандони Ҷамъият ва тасдиқи дастурамалҳои вазифавии онҳо;
- додани ваколатномаҳо аз номи Ҷамъият;
- ба амал баровардани идоракунии фаъолияти ҷории Ҷамъият;
- дар доираи салоҳияти худ идора ва иҳтиёрдорӣ кардани молу мулки Ҷамъият, аз он ҷумла кушодани ҳисобҳои бонкӣ ва иҳтиёрдории маблағҳои пулии Ҷамъият;
- ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи чораҳои таъсиррасонии интизоми нисбат ба аъзоёни коллективи меҳнатии Ҷамъият;
- тасдиқ кардани нақшаи фаъолияти таълимии кормандони Ҷамъият;
- таҳияи нақшаҳои молиявӣ ва бизнес-нақшаҳо, инчунин ҳисоботи солона, иҷрои дигар вазифаҳо мутобиқи қонунгузорӣ, оинномаи мазкур, қарорҳои Шӯрои нозирон ва Маҷлиси умумии Иштирокчиён ва созишномаҳои меҳнатии худи.

## 13. Комиссияи ташфтишотӣ (ва ё аудитори мустақил)

13.1. Маҷлиси умумии Иштирокчиён Комиссияи тафтишотиро дар ҳайати 3 (се) узв интихоб менамояд. Узви Комиссияи тафтишотӣ Директор, муовини Директор ё Сармуҳосиб буда наметавонанд. Аъзои Комиссияи тафтишотӣ ба муҳлати то 3 сол интихоб карда мешаванд, ба шарте ки Маҷлиси умумии Иштирокчиён дигар шарту шароитро пешбинӣ накарда бошад. Маҷлиси умумии Иштирокчиён ҳақ дорад аъзоёни Комиссияи тафтишотиро бо ҳар сабаб ва ҳар вақт аз вазифаашон озод намояд. Маҷлиси умумии Иштирокчиён ба ҷойи Коммиссияи тафтишотӣ метавонанд аудитори мустақилро таъин кунад.

13.2. Комиссияи тафтишотӣ дар бобати назорати дохилӣ ва мушоҳидаи фаъолияти молиявӣ ва иқтисодии Ҷамъият масъул мебошад. Комиссияи тафтишотӣ инчунин ҳисоботҳои молиявии солона ва натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти Ҷамъиятро тафтиш мекунад, хулосаҳоро оид ба ин тафтиш ба Шӯрои Нозирон/Маҷлиси умумии Иштирокчиён пешниҳод менамояд. Комиссияи тафтишотӣ барои дурустии тамоми маълумоте, ки дар ҳисоботҳои молиявии солонаи Ҷамъият нишон дода шудааст, аз он ҷумла тавозун ва ҳисобот дар бораи фоида ва зарар, ки ба Шӯрои нозирон/Маҷлиси умумии Иштирокчиён пешниҳод мегарданд, масъул аст. Комиссия

тафтишотӣ инчунин метавонад дигар тафтишотҳоро анҷом диҳад ва ҳисоботҳои дахлдорро пешниҳод намояд, агар вай гузаронидани ин гуна тафтишотро лозим донад, ё онҳоро бо талаби Маҷлиси умумии Иштирокчиён, Шӯрои Нозирон ё ҳар Иштирокчие, ки соҳиби на кам аз 10 % сармояи оинномавии Ҷамъият мебошад, мегузаронад.

13.3. Барои иҷрои вазифаҳои худ Комиссияи тафтишотӣ ҳақ дорад аз кормандон, Шӯрои Нозирон ва Иштирокчиён ҳар гуна ҳуҷҷат, маълумот ва баёнотҳоро, ки барои кори вай зарур аст, талаб намояд. Комиссия тафтишотӣ вазифадор аст ҷаласаи ғайринавбатии Шӯрои Нозиронро/ Маҷлиси умумии Иштирокчиёнро даъват намояд, агар аз рӯи хулосаҳои вай барои манфиатҳои Ҷамъият таҳдиди ҷиддие мавҷуд бошад.

13.4. Ҷамъият аз ҳисоби маблағҳои худ дафтарҳои баҳисобгирӣ ва сабти молиявиро мутобиқи талаботи баҳисобгирии муҳосибавӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналхалқии баҳисобгирии муҳосибавӣ, мутобиқанд, пеш мебарад.

## 14. Тартиби нигаҳдории ҳуҷҷатҳои Ҷамъият ва пешниҳоди маълумот

14.1. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои расмии Ҷамъият дар маҳалли ҷойгиршавии мақоми иҷроияи Ҷамъият ба роҳ монда мешавад.

14.2. Ҷамъият бояд ба Иштирокчиён дастрасии озод ба ҳуҷҷатҳои Ҷамъият, аз он ҷумла ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ, ахбороти ва шарҳу эзоҳот оид ба фаъолияти Ҷамъиятро таъмин намояд. Дар сурати дархости Иштирокчӣ, ба ин Иштирокчӣ нусхаҳои ҳуҷҷатҳои талаб кардашударо медиҳад.

## 15. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Ҷамъият

15.1. Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) Ҷамъият баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

15.2. Барҳамдиҳии Ҷамъият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» амалӣ мегардад.

15.3. Молу мулки Ҷамъият баъди пардохти тамоми қарзҳо, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, байни Иштирокчиён мутаносибан ба андозаи ҳиссаи онҳо дар Сармояи оинномавии Ҷамъият тақсим карда мешавад.

15.4. Фаъолияти Ҷамъият аз лаҳзаи ба феҳрасти ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ сабт карда шудан ва гирифтани Шаҳодатномаи барҳамдиҳӣ қатъ мегардад.